## ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи диссертатсияи Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович дар мавзуи «Мақоми Ғафур Мулло дар ҳавзаи адабии Хатлон (солҳои 40-90-уми асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ**

Ҳавзаи адабии Хатлон аз оғози асри XX то имрӯз дар пешрафти илму адаби муосири тоҷик саҳми назаррас гузоштааст. Ин доираи адабӣ бо намояндагони шинохтаи худ, ба мисли Сомеъ Одиназода, Саидалӣ Ализода, Мирзолатиф Раҳимзода, Ашӯр Сафар, Саидҷон Ҳакимзода, Қурбоналӣ Раҷаб, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ҳақназар Ғоиб, Пиримкул Сатторӣ, Ғафур Мулло, Муҳаммад Ғоиб, Исроил Иброҳимов, Зариф Ибод, Алимуҳаммад Муродӣ, Хайрандеш, Рустами Хомарахш, Озар, Усмон Билолӣ, Сафармуҳаммад Аҳмад ва чандин тани дигар дар равнақу густариши илму адаби тоҷик саҳми назаррас дорад.

Чӣ тавре ки диссертант Маҳмурод Раҳмонов зикр намудааст: «Оид ба доираи адабии Хатлон ва намояндагони он дар солҳои гуногун чандин рисолаву монографияи ҷудогона таълиф ёфта бошанд ҳам, бисёр паҳлуҳои ин масъала то имрӯз ҳамаҷониба таҳқиқу баррасӣ нашуда, рӯзгор ва осори бисёре аз намояндагони сермаҳсули он номаълуму нокушода боқӣ мондаанд» (Автореферат, саҳ. 3).

Ҳамин аст, ки дар кори таҳқиқотии Раҳмонов Маҳмурод рӯзгору осор, фаъолияти эҷодӣ, вижагиҳои шаклию мундариҷавӣ ва сабку услуби нигориши яке аз адибони камшинохта, вале боистеъдоди тоҷик – Ғафур Мулло (1922-1992) таҳқиқу баррасӣ гардидааст.

Мавриди зикр аст, ки ба рӯзгору фаъолияти эҷодии Ғафур Мулло мардуми тоҷик дар даврони соҳибистиқлолии кишвар дубора ошноӣ пайдо намуданд, чунки дар ин давраи таърихӣ дар китоби “Адибони Тоҷикистон” номи Ғафур Мулло дар қатори дигар адибони тоҷик сабт гардид ва ҳамчунин дар ин давра ду маҷмуаи шеърҳои ӯ бо номҳои «Соҳили дарёи дил» (2016) ва «Булбул, бисаро!» (2018) ба чоп расида, дастраси хонандагон гардид.

Аз сохту муҳтавои фишурда бармеояд, ки рисола аз муқаддима, се боб (ҳашт фасл), хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Муаллиф дар қисмати муқаддима ҳама меъёрҳои марбут бар кори илмӣ–таҳқиқотиро риоя намуда, он чиро, ки талаботу муқаррароти расмӣ роҷеъ ба ин қисмати диссертатсия тақозо менамояд, сарфи назар накардааст.

Боби аввали рисола «**Нақши ҳавзаи адабии Хатлон дар тарбияи суханварон ва ҷойгоҳи шоир Ғафур Мулло дар пешрафти он**» ном дошта, муаллиф дар се фасли он оид ба ҳавзаи адабии Хатлон дар солҳои 40-

90-уми асри XX, зиндагинома ва мероси адабии Ғафур Мулло таҳқиқот бурда, ба кушодани асоситарин матолиби дарпешгузошта муваффақ гардидааст. Муаллиф бо такя ва истинод бар сарчашмаҳои илмию адабӣ ва мусаввадаи тарҷумаи ҳоли шоир зиндагинома, фаъолияти эҷодӣ ва нақши Ғафур Муллоро дар ҳавзаи адабии Хатлон дар солҳои 40-90-уми асри гузашта дар силки таҳқиқ кашидааст.

Боби дуюми кор «**Вижагиҳои мундариҷа ва шакл дар ашъори шоир**» ном гирифта, муаллиф дар ин боби рисола масъалаҳои мавзуъ ва мундариҷаи ғоявӣ, мавқеи ҳаҷв дар эҷодиёти адиб ва махсусияти ашъори бачагонаи Ғафур Муллоро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Аз таҳқиқи ин бахши кори диссертант Маҳмурод Раҳмонов маълум мегардад, ки Ғафур Мулло дар эҷоди ашъори ҳаҷвӣ ва бачагона маҳорати хоссаи нигорандагӣ доштааст.

То имрӯз ашъори ҳаҷвӣ ва бачагонаи шоир мавриди таваҷҷуҳи олимону адибони шинохтаи тоҷик, амсоли Муҳаммадҷон Шакурӣ, Ашӯр Сафар, Исроил Иброҳим, Ҳасани Муродиён, Муҳаммадалӣ Аҷамӣ, Усмон Билолӣ ва чандин тани дигар қарор гирифта, онҳо ба ашъори шоир баҳои мусбат додаанд.

Дар боби охири кор – **«Хусусиятҳои услубӣ ва бадеии осори Ғафур Мулло»** диссертант ба масоили услубӣ ва сабкии ашъори шоир дахл намуда, асоситарин ва назаррастарин вижагиҳои матолиби фавқуззикрро дар эҷодиёти шоир таҳқиқ кардааст ва дар кушодани уқдаҳои нокушодаи ин мавзуъ муваффақ гардидааст.

Хулосаи фишурда муҳтавои корро комилан инъикос менамояд, муаллиф тавонистааст, ки ба таври басо муҷаз таҳқиқоти хешро натиҷагирӣ намуда, асоситарин нукоти онро баён намояд.

Мақолаҳои барои ҳимоя пешниҳоднамуда ҳам, ки муаллиф онҳоро тибқи қоида дар охири фишурда дарҷ кардааст, бо мавзуи кор иртиботи қавӣ дошта, матолиби бобҳову фаслҳои корро бозгӯйӣ менамоянд. Аммо, бо вуҷуди комёбиҳо, кор аз баъзе камбудҳо низ холӣ нест, ки зикр кардани онҳо ба манфиати кори муаллиф аст. Чунончи:

1. Дар қисмати дараҷаи омӯхта шудани муқаддимаи диссертатсия на ҳамаи пажуҳишҳои анҷомёфта дар ин замина зикр гардидаанд.

2. Дар баъзе ҷумлаҳо ғалатҳои имлоӣ ва услубию мантиқӣ ба мушоҳида мерасанд (саҳ. 9, 12, 15).

3. Ҷо-ҷо дар фишурдаи диссертатсия фикрҳои такрор низ дида мешавад.

Аммо камбудиҳои мазкур дар қиёс бо муваффақиятҳои кор хеле ночиз ва назарногир буда, бар муҳтаво ва мундариҷаи кор халали ҷиддӣ ворид намесозанд. Кори, таҳқиқотии баанҷомрасонидаи Раҳмонов Маҳмурод

Бегмуратович дар мавзуи «Мақоми Ғафур Мулло дар ҳавзаи адабии Хатлон (солҳои 40-90-уми асри XX)» ба меъёрҳои умумии аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодшуда мутобиқат дошта, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор мебошад.

Котиби Шурои олимони

Донишгоҳи давлатии Данғара

номзади илми филология: Пирхонова Қ.

*Имзои Пирхонова Қ.-ро тасдиқ менамоям:*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси

Муассисаи давлатии таълимии

«Донишгоҳи давлатии Данғара» Ҷабборӣ Н.Ҷ.

735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара,
кӯчаи Марказӣ, 25
E-mail: dddangara_2013@mail.ru

**«17»-уми ноябри соли 2022.**